ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Муҳиммияти мавзуъ. Яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи чорводории кишвар то ҳол масъалаи фарқгузории аксуламалҳои парааллергӣ аз аксуламалҳои воқеии бодигармӣ нисбат ба туберкулин мебошад. Усули асосӣ ва маъмултарини ташхиси барҳаётии бемории сил — санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ — дар ҷумҳурӣ ва берун аз он ҳамчун яке аз роҳҳои муҳим барои мубориза алайҳи сил истифода мегардад. Бо вуҷуди ин, дар як қатор ҳолатҳо гузоштани ташхис бо истифода аз ин санҷиш мушкил мегардад. Сабаби асосӣ — ҳассосияти ҳайвонот ба микобактерияҳои ғайрисилӣ аст, ки метавонад ба зоҳиршавии аксуламалҳои қалбакӣ оварда расонад. Дар чунин шароит, дар подаҳои оид ба бемории сил мусоид саршумори зиёди ҳайвонот метавонад нисбат ба туберкулин аксуламал нишон диҳад.

Дар солҳои охир ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар дигар кишварҳо шумораи ҳайвоноте, ки аксуламалҳои бодигармии ғайрихос (парааллергӣ) ба туберкулин нишон медиҳанд, рӯ ба афзоиш овардааст. Аз ин рӯ, омӯзиши омилҳои ба вуҷудоварандаи ин раванд ва коркарди усулҳои муосири такмилёфтаи тафриқасозии аксуламалҳои хос ва ғайрихос ба туберкулин барои ҳайвоноти ширхӯр аҳамияти калон дорад.

Аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доштани тадқиқоти гузарондашуда пеш аз ҳама оид ба тафриқасозии аксуламалҳои параллергии туберкулинӣ дар хоҷагиҳои мусоид бо ёрии санҷиши симултанӣ СХТ-туберкулини ширхӯрон ва АММҒ нишон доданд, ки ин санҷиш дар хоҷагиҳо бо манзараи ғайрихоси сенсибилизатсияшавӣ натиҷаи боварибахш медиҳад, ки ин ба мусоидии онҳо нисбат ба сил ишора мекунад.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба дар бораи микобактерияҳои ғайрисилӣ ва таъсири Bacillus subtilis нисбат ба онҳо нишон медиҳад, ки ин масъала дар сатҳи байналмилалӣ диққати зиёди мутахассисонро ба худ ҷалб намудааст. Омӯзиши мавҷудияти микобактерияҳои ғайрисилӣ дар муҳити атроф, хусусиятҳои морфологӣ, парвардагӣ ва сенсибилизатсиякунандаи онҳо зарурияти рушди усулҳои ташхиси тафриқавиро тақозо мекунад.

Хулоса метавон қайд кард, ки рисолаи илмии довталаб Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» аз рӯйи аҳамият ва мубрам будани мавзуи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ ва хусусиятҳои назариявӣ-амалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои биологӣ, мудири
кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот
ба номи академик Сафаров Ҳабиб Муродович,
факултети биологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ахмедов Д.М.**

24.06.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои 16.
Tel.: (992) 930-33-58-33;
E-Mail.: shahzod2009@inbox.ru

Имзои Ахмедов Д.М. тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ **Шодихонзода Э. Ш.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17;
Tel.: (+992 37) 221-62-25.
E-Mail.:

25.06.2026